«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон,
доктори илмҳои тиб, профессор,
узви вобастаи АМИТ
_________________________Қурбон У.А.
«29» 11 ________________________2024

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Абдуллоев Абдусалом Абосиевич дар мавзуи «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз руйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоев Абдусалом Абосиевич «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ» ба шиносномаи ихтисоси 09.00.03 таърихи фалсафа, ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Дар шароити дигаргуншавии бо суръати ҷаҳон равандҳои беқурбшавии ахлоқ ва буҳронҳои маънавӣ, ки дар он арзишҳои ахлоқӣ, эстетикӣ, афзалиятҳо, муносибат ба ниҳодҳои анъанавӣ ва робтаи байни одамон, фаҳмиши айнияти шабоҳати инсон шаклу муҳтавои худро дигаргун месозанд, ба вуҷуд омада боиси нигаронии ҷомеаи башар гардидааст. Равандҳои мазкур аз умқи асри XIX ба асри XXI интиқол ёфта, бошиддату суръати баланд барои расмӣ шудани бадахлоқӣ ва таъсири он ба пояҳои маънавии ҷомеа, заволи ахлоқ, трансформатсияи унсурҳои анъанавии ниҳодҳои бунёдии ҷомеа чун оила ва вусъату густариш пайдо намудани нигилизм дар ҳаргуна шаклҳо - ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, эстетикӣ ва ғ. зоҳир мешаванд.

Афкори фалсафӣ, этикӣ – эстетикии муосир ба чунин падидаҳо ҳассосият нишон дода, чун аксиамал рӯ ба мероси мутафаккирони шарқӣ, афкори фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ҳикмати онҳо, ки аксаран синтез ва ҷамъи идеяҳо, назарияҳо ва ақидаҳои динӣ, фалсафӣ ва ирфонианд, ба пайдо кардани ҷавоб ба мушкилот ва ситезаҷӯйиҳои глобалӣ мусоидат менамояд, овардааст, ки ин бе сабабу натиҷа нест. Ба аҳамияти мероси пурғановати фикрии миллат ишора намуда, Пешвои муаззами миллат- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд, ки “Истиқлолияти давлатӣ волотарин ва боарзиштарин дастоварди миллати тоҷик дар масири даҳ асри охир буда, нишонаи ҳувият ва озодӣ, ифтихор ва номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллати соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик мебошад. Мо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба ҷомеаи мутамаддини демократӣ бо ҳувият, арзишу анъанаҳо ва чеҳраву симои хоси миллии хеш, ҳамзамон бо дастоварду комёбиҳо ва бозёфтҳои фарогири фарҳанги башарӣ ворид гардидем. Истиқлолияти давлатиро дар роҳи худшиносии милливу таърихӣ, эҳёи суннатҳо ва рушди илму адаб метавон марҳалаи дурахшону пурифтихори фарҳангу тамаддуни миллӣ, даврони рушди неруи зеҳнӣ ва эҷодкорӣ арзёбӣ намуд” [Э.Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. с. 4].

Дар заминаи чунин мулоҳизаронихо мутафаккирони барҷастаи давр афкори пурғановати худро иброз доштаанд, ки яке аз мактабҳои бонуфузи ирратсионалии этикӣ-эстетикии дорои равияҳои зиёди интеллектуалию амалӣ тасаввуф мебошад. Он бо таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни худ саҳми зиёде барои ҳифз ва эҳёи арзишҳои волои гуманитарӣ ва тавзеҳи ратсионалии он лоиҳаҳои мутаносиб таҳия намудааст.

Таҳқиқи масъалаҳои аксиологӣ, дар ин робита аз ҷумлаи бархӯрдҳои наве башумор меравад, ки дар илми фалсафаи муосир ҳарчи бештар зуҳур карда,бо гузориш ва ҳалли оригиналии масоили ахлоқиву зебоишиносӣ ва умуман фалсафӣ ном ва маъруфият пайдо кардааст. Махсусан ба маърази таҳқиқ қарор додани афкори ахлоқӣ-зебоипарастии нобиғаи афкори фалсафӣ, этикӣ – эстетикии Ҷалолуддини Балхӣ ва таҳлили аксиологии он дар шинохти мероси ин абармард аҳамияти зиёд дорад. Ба аҳамияти мероси ӯ дар асари беназири «Чеҳраҳои мондагор» - и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат,Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барҳақ таъкид гардидааст:«Орифи бузург Мавлонои Балхӣ дар тамоми ақсои Шарқу Ғарб бо назми оламгири худ маъруф гаштааст ва шеъру андешаҳои фалсафии ӯро дар тамоми олам бо завқу шавқи беандоза чи пиру чи ҷавон,чи марду чи зан, новобаста аз дину мазҳаб ва ҷаҳонбинии худ қироат мекунанд» [Э.Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор.с. 254].

Мубрамияти таҳқиқот бо он муайян мегардад, ки таҳқиқи масъалаҳои аксиологӣ дар низоми таълимоти инсоншиносӣ бо арзёбии манбаъҳо ва омилҳои таъсирвар ба ташаккули назарияи этикӣ-эстетикии Ҷалолуддини Балхӣ, ки зодгоҳаш Вахшонзамин буда ҳамватани мост ва

дар маъвои фарҳанги нодири таҷаммуъ ва ҳамзистии фарҳангҳо басар бурдааст,ҳамчун бунёдгузори таълимоти мумтозу нодири ҳовии ахлоқ, санъат ва маърифати эстетикии олам, таҳия шуда бо такя ба анъанаи пурғановати этикӣ - эстетикии халқи худ, таҷрибаи пешқадам ва идеяҳои фохираи инсонии таҷассумгари анъанаи бой ва идеяҳои фарҳангии Осиёи Сағир, то ҳол анҷом наёфтааст.

Кори диссертатсионии Абдуллоев А.А. яке аз масъалаҳои муҳимми таърихи фалсафаро, ки ҳамчун мунодии сулҳу ваҳдат, ҳамгироӣ ва ҳаёти мусолиматомез баромад намудани Мавлоно, эҷодгари таълимоти нодири этикӣ - эстетикии мусолиҳаву мадоро, маъруф ба «маранҷу маранҷон» мебошад, таҳқиқ намуда, яке аз сарчашмаҳои ғоявии гуманизми даврони нав ва таълимоти таҳаммулпазириву мадоро будани онро исбот менамояд. Таълимоти Мавлоно пеш аз ҳама маҳз бо ҳамин ҷанбааш маъруфу маҳбуби замони муосир буда, арзишҳои бар зидди зӯроварӣ мадоро намудан, инкори бадӣ, зулм, ҷанг, беадолатии Мавлоно, махсусан ва «Маснавии маънавӣ» - аш ба шакли назарияи кулли этикию иҷтимоӣ мавриди пазириши умум шудаанд.

Муаллиф аксиология – арзишшиносиро ҳамчун яке аз илмҳои ҷавони фалсафӣ муаррифӣ намуда меафзояд, ки он бар асари мусоидат намудан ба таҳқиқоти натиҷабахшу пурсамари масъалаҳои махсуси гносеологӣ тавассути назарияи арзишҳо эътирофи хоссаро касб кардааст.Муҳиммият ва мубрамияти он махсусан дар ҷараёни таҳқиқоти равандҳои оммавӣ дар фаъолияти маънавии ҷомеа ошкор мегардад [с.7.]. Арзишҳо мазмунан мусбат ва манфӣ буда, арзишҳои мусбат маънии мусбат дорад,он гоҳе, ки арзиши манфӣ маънии манфиро ифода менамояд. Арзишҳо ҳатман бо инсон алоқаманданд,ки тавассути муқоиса бо идеал асоснок мегарданд.Ҷомеаи башар ба арзишҳое,ки онро мусбат мешуморад, майл дошта, арзиши манфиро рад менамояд.

Ин гуна муҳокимаҳо ба андешаи муаллиф сабабу асоси ташаккули самти алоҳидаи фалсафа - арзишшиносӣ гардида, дар заминаи табаддулоти бунёдии иҷтимоӣ ва беқурбшавии анъанаҳои фарҳангӣ, таҳаввулоти инқилобӣ ва нобасомониҳои олам ва муфлисшавии бунёди идеологии ҷомеа, муроҷиат ба маънии арзишҳо,таҳқиқи моҳият ва манобеи онро муҳим ва мубрам сохтааст.

Аксиология ҳамчун соҳаи мустақили таҳқиқоти фалсафӣ натиҷаи буҳронҳои маънавӣ будааст, ки бинобар он моҳияти ҳастӣ таҷдиди назар гардида,муҳтавои арзишҳои воқеӣ ва арзишҳои идеалиро тағйир медиҳад.

Аммо ҳануз арзишҳои инсонпарварона дар назарияи «сулҳу мадоро»-и Мавлоно, ки дар асоси қатъиян инкор кардани бадӣ ва беадолатӣ, назарияи муназзами ҳаётӣ бидуни табъиз дар заминаи тасаввурот дар бораи инсони универсалӣ (инсони кулл) ва ё мафҳуми инсони комиле, ки бо роҳи камолоти маънавиву ахлоқӣ равон аст, эҷод гардидааст, ниҳоят кам омӯхта шудааст. Раванди мазкур дар мутафаккир консепсияи беназиру мумтози зебоиро, ки дар заминаи ҷаҳонфаҳмии мавзуну мутавозини мусиқӣ эҷод шудааст, ташаккул медиҳад. Бинобар таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаи инсон ва шахс, муроҷиат ба мероси тасаввуф, аз ҷумла ба назарияи инсонмеҳвар, амалияи маънавӣ ва идеяҳои Ҷалолуддини Балхӣ, ҳамчун арзиши олии олам ва баррасии масъалаҳои арзишҳои ахлоқӣ-эстетикии ӯ аҳамияти зиёдеро дороанд.

**Саҳми илмии довталаб** дар таҳқиқи проблемаи мазкури илмӣ пеш аз ҳама дар интихоби методологияи нави таҳлили аксиологии масъалаи инсон ошкор гардида, дар робита бо он ӯ масъалагузорӣ ва далеловарӣ менамояд ва бофарзиягузориву ҳалли амалии он пешниҳоди илмии мушаххасро дар мавриди масъалаи омӯхтааш ифода кардааст. Муаллиф ҳангоми баррасии аксиологии масъалаи инсон дар афкори Мавлоно бо ҷалби таҳқиқоти мубрами методологии ватанӣ ва хориҷӣ ҳамчун манбаъ ва сарчашмаи усулӣ, кӯшидааст консепсияи муназзами фикрии мутафаккирро дар соҳаи арзишшиносӣ шаклсозӣ намояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона, бо ҷалби сарчашмаҳои муътамади дасти аввал ва таҳлилҳои илмии олимони ҷаҳонӣ таҳия гардида, дорои навгониҳои илмии собит мебошад. Нуктаҳои илмии пешниҳодгардида шакли хулосавии илмиро дошта,сифати навгонии илмӣ ва саҳми муаллифро дар рушди таърихи фалсафаи муосир нишон медиҳанд. Натиҷа ва хулосаҳои муаллиф саҳми шахсии муҳаққиқ буда, ифодагари ҳукмҳои ҷамъбастии ӯ аз далелҳои бадастовардааш мебошанд.

Аз ҷониби муаллиф консептҳои арзиш,арзишшиносӣ, инсон,олами сағир,олами кабир, ахлоқ, камолоти маънавӣ, инсони комил дар антропоаксиологияи Мавлоно бори нахуст аз ҷониби диссертант дар таҳқиқоти ҷудогона ба таври системанок, дар муқоиса бо афкори мутафаккирони пешин ва ҳамзамони Мавлоно анҷом дода шудааст.Таҳлили аксиологии мафҳумҳои ифодагари табиат ва хусусиятҳои инсон дар афкори мутасаввифони назири Мавлоно аввалин бор пешниҳод шудааст.

Дар диссертатсияи «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ» объект ва предмети таҳқиқот ифодагари

маром ва раванди таҳқиқ буда, бо ҳам пайванди мантиқӣ доранд. Объекти таҳқиқот – таълимоти фалсафӣ ва этикӣ-эстетикии мутафаккири шинохтаи қарни ХШ Ҷалолуддини Балхӣ буда, предмети он – таҳқиқи аксиологии масъалаи ахлоқи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддини Балхӣ мебошад. Диссертант дар қисмати асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ таъкид кардааст, ки бештар идеяҳо ва таҳқиқот, назарияҳо ва консепсияҳои фалсафии мутафаккирони классикии Шарқ, Ғарб, Россия ва Осиёи Марказӣ, инчунин таҳқиқоти илмӣ ва методологияи муҳаққиқони фалсафӣ ва антропологияи фалсафии ватанӣ ташкил мекунанд. Дар рисола дар баробари методологияи классикии таърихӣ - муқоисавӣ, мантиқӣ –танқидӣ ва диалектикӣ, методи бархӯрди аксиологӣ дар таҳлили масъалаи инсон ва шахс, зуҳуроти ҷамъиятӣ ва таҳлили ахбор истифода шудааст. Чунин равияи корӣ ба ӯ имконият додааст, ки марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, сарчашма ва назарияҳои аксиологии гуногунро бо ҳам муқоиса намуда, хулосаву ҷамъбастҳояшро илман ва усулан асоснок намояд.

Автореферати диссертатсия, гузориш ва мақолаҳои илмии чоп намудаи Абдуллоев А.А. муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботи пешниҳод намудаи КОА-и назди Президенти ҶТ нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ аз ҷиҳати навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборатанд, ки дар он раванди ташаккули аксиологияи Мавлоно бори аввал дар таърихи фалсафаи тоҷик мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ ҳамчун объект ва субъекти ахлоқ ва зебоишиносӣ баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, бинобар нав будани тарзи таҳқиқи аксиологӣ дар таърихи фалсафаи тоҷик, тавсифи масъалаҳои аксиологияи муосир, ки бо ташаккули тасаввурот дар бораи инсон алоқаманд, заминаҳои ташаккули низомҳои аксиологӣ дар бораи инсон дар ретроспективаи (манзараи тайшудаи) таърихӣ – фалсафӣ ошкор кардашуда, хусусиятҳои аксиологияи инсон дар мактабҳои этикӣ - эстетикӣ ва таълимотҳои халқи тоҷик муқаррар гардиданд, низоми арзишҳои Ҷалолуддини Балхӣ доир ба масъалаи инсон баррасӣ шудаанд. Хусусан таҳлил ва омӯзиши маҷмуии асосҳои онтологии аксиологияи инсон дар таълимоти Балхӣ, таснифи ҷанбаҳои арзишии мафҳуми инсон ҳамчун субъект ва объекти маърифат дар антропологияи фалсафии мутафаккир аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқотро ба таври равшан ва самаранок ошкор менамоянд.

**Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо дақиқ ва илмӣ будани маълумоти пешниҳодгардида, ҳаҷми кофии маводи мавриди омӯзиш, методологияи нави коркарди натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия , дар заминаи таҳлили илмии хулосаву ҷамъбастҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ ироа гардидаанд.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои рисола метавонад дар ҳалли масъалаҳои марбут ба таҳлили моҳиятии низоми арзишҳои ахлоқии ҷомеа ва омӯзиши меросу афкори таърихӣ-фалсафӣ истифода гардад. Натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқи рисола бадастомада нақш ва саҳми муайяни назариявӣ ва методологиро дар инкишофи омӯзиши этика ва эстетика, инчунин таърихи фалсафаи ватанӣ ва самти ҷадиди он – аксиология, хоҳад гузошт.

Натиҷаҳои мазкурро инчунин ҳангоми омӯзиши предметҳои таълимии илмҳои фалсафӣ, хусусан таърихи фалсафа, ахлоқ ва зебоишиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва низоми бозомӯзии кормандони сатҳи гуногун истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки таҳлили аксиологии афкори Мавлоно аввалин маротиба дар илми тоҷик анҷом дода шуда, бо ташхиси арзишшиносии фалсафӣ таҳлилу баррасии назариявӣ ва қиёсу муқобилгузории илмӣ нуктаҳои мушаххаси методологӣ, таҳлили гуногунҷанбаи масъалаи табиати арзишҳо, мақом ва манзалати инсон дар ҳастӣ,чанбаҳои онтологӣ, метафизикӣ ва гносеологии антропологияи фалсафии Мавлоно анҷом додашудааст,ки боиси дарёфти роҳу воситаҳои мукаммали баёни консептҳои мазкур дар таърихи фалсафаи тоҷик мегардад.

Диссертатсияи Абдуллоев А.А. «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафа Ҷалолуддин Балхӣ» аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар боби 1 диссертатсия “Таҳлили таърихӣ–фалсафии муҳити арзишии инсон дар афкори фалсафии точик” дар се зербоб “Заминаҳои ташаккули таълимот дар бораи арзишҳои инсонӣ дар мактабҳои фалсафии Шарқи асримиёнагӣ”, “Масъалаҳои арзишҳои инсонӣ дар афкори ахлоқии асримиёнагӣ ва ирфон” ва «Ҷанбаҳои онтологии арзишҳои инсонӣ ҳамчун масъалаи фалсафӣ» мебошанд.

Дар онҳо оид ба мафҳуми арзиш аз даврони антиқа ва асримиёнагӣ то ташаккули аксиология дар қарни XIX Герман Рудолф Лотсева Адолф Вагнер, пешниҳоди методи арзишшиносӣ, арзиш дар соҳаҳои дигар ва мафҳуми "арзиш”- ба маънои категориалӣ, сухан меравад. Таҳлили

назария ва консепсияҳои муҳимтарини аксиологӣ ду гуруҳи масъалаҳоро дар арзишшиносӣ равшан месозанд: масъалаҳои дохилӣ, ки ба таҳияи консептуалии категорияҳо, алоқаи дохилӣ ва асоснокунии ҳамин робитаю таркиботҳо ва масъалаҳое, ки бо ёрии метод ва олотҳои аксиологӣ дар фалсафа ва фарҳанг ҳаллу фасл мешаванд. Ин ду гуруҳи масъалаҳо дар алоқамандӣ ва часпоиш бо ҳам қарор доранд ва ногузир бояд дар ҳамбастагӣ арзёбӣ шаванд. Арзишшиносӣ фасли хотимавии метафизика буда, ба он характери мушаххас ва шахсӣ бахшида,бунёди методологии ахлоқшиносӣ, зебоишиносӣ ва фалсафаи фарҳанг хоҳад буд.Категорияҳои асосии арзишшиносӣ инҳоянд:муносибат, муҳиммият, арзиш, баҳо, нақш, мақом, синфият, ҳизбият, идеализм, материализм, субъективизм, объективизм, волюнтаризм, фатализм ва ғ.

Дар зербоби 1.2. таҳлили масъалаҳои марбут ба сарчашмаҳои ташаккули таълимот оид ба инсон, арзишҳои инсонӣ ва ҳастии он ҳамчун муҳимтарин ҷанбаи маърифат, алоқаманд аст: робитаи аксиология бо ҳуқуқ, ҷамъиятшиносӣ, сиёсат, ахлоқшиносӣ таҳқиқшуда, мақоми он дар ҳалли яке аз масъалаҳои онтологии илм – гуманизатсияи дониш, исботи зарурати он барои ҷомеаи инсонӣ муайян шудааст.

Дар зербоби 1.3.гуфта мешавад, ки Инсон эҷодгари фарҳанг ва тамаддунҳост, ки дар худ тамоми раванди инкишофи таърихии ҷомеаро инъикос менамояд. Фарҳанги ҷомеаи асримиёнагӣ ҷиҳатҳои гуманистиро касб карда, таълимотро дар бораи инсон инкишоф дода, бунёди моҳиятии тарбия, хирад, андешаҳо ва саъю кӯшиши наҷиб ва ифтихории ӯро таҷассум кардааст. Дар ин давра як гуруҳи калони олимон – Ал-Форобӣ, Ал-Хоразмӣ, Ал-Хуҷандӣ, Ал-Фарғонӣ, Закариёи Розӣ, Абуалӣ ибни Сино, Ибни Рушд, Ал-Берунӣ, Баҳманёр ва дигарон зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки саҳми бузургро дар инкишофи афкори илмию фалсафии тоҷик гузоштаанд.

Идеологияи динӣ дар арзишсозандагӣ танҳо набуда,равияҳои фалсафӣ – машшоия ва таълимотҳои ирратсионалӣ тасаввуф ва ишроқ низ дар ин раванд таъсири калон доштанд. Дар мисоли ахлоқи тасаввуф ва арзишҳои он, ки тарзи дигари ҷаҳонфаҳмӣ аст, метавон мушоҳида намуд, то кадом ҳад афкори шарқӣ дар маърифати табиати инсон, асрори равонияти ӯ пеш рафтааст. Дар тасаввуф дар нақшаи аввал низоми мафҳум-арзишҳо мебарояд, ки бо мафҳуми бедорӣ – бардоштани пардаҳо, алоқаманд аст. Зеро таваҷҷуҳро аз тарафи дигари моҳияти хеш дур насохта, инсон метавонад манзараи пурраи меъмории худро тартиб диҳад. Ин тавассути зинаҳои ҳолати мавҷуд тавзеҳ меёбад, ки бо мафҳуми мақом, мақомот ифода ёфта, дар он ба ҳолати муайяне мушарраф мегардад, ки дар зина ва дар навбати муайяне тағйир меёбад.

Дар боби 2. «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддини Балхӣ», ки аз се зербоб - «Арзишҳои онтологии таносуби қудсӣ (осмонӣ, худомеҳварӣ) ва заминӣ дар антропологияи Мавлоно» , «Аксиологияи инсон ҳамчун субъект ва объекти маърифат дар таълимоти Мавлоно», «Инсон ҳамчун объекти этикӣ-эстетикӣ дар андешаҳои Мавлоно» иборат аст, таҳлили ҷанбаҳои онтологии масъалаи арзишшиносӣ дар муқоиса бо орои мутафаккирон ва равияҳои тасаввуф фаро гирифта, дар он гуфта мешавад, ки Мавлоно инсонро дар меҳвари тамоми ҳастӣ гузошта, имкони мукаммалшавандагии ӯро тараннум менамояд. Инсоне, ки Мавлоно тавсиф мекунад, хулосаи худовандии масъалаи ишқ ва ҷозиба аст, ки Офаридгор (Холиқ) озмоиш мекунад. Ана ҳамин сабаби офаридани инсон аст, ки аз чизе ва барои чизе сохта мешавад, то ки ишқи Холиқро ба олам то тавонад татбиқи воқеӣ намояд. Ҷалолуддини Балхӣ усули таҳаммулпазирии сӯфиёнро дар фаҳмиши олам ва инсон ифшо месозад, ки он ҷо категорияи ҳақиқат дар маънои воҳиди худ дарк гардида, бо тарзҳои гуногун аз ҷониби динҳои мухталиф тафсир мешавад. Мавлонои Балхӣ тавассути консепсияи «инсони универсалӣ (кулл) ва комил» роҳи наҷибонаи иттиҳодро бо тамоми инсоният, тавассути бартарафсозии маънавии ҳама фарқиятҳои (динӣ, табақотӣ, нажодӣ, гендерӣ ва ғ.) худро аз одамони дигар, дар муҳаббат ба Худо мебинад. Дар зербоби 2,2, мақоми инсон дар аксиологияи Мавлоно аз нигоҳи гносеологӣ таҳлил шуда, дар он оид ба трансформатсияи арзишҳо дар эҷодиёти Мавлоно сухан меравад. Таҳвил ва таворуди (транформатсияи) арзишҳо ба хотири ҷамъоварии арзишҳои гуногуни этикӣ-эстетикӣ, фалсафӣ, адабӣ, динӣ ва назарияҳои дигари арзишӣ ҳамроҳи арзишҳои ноби ахлоқӣ, маънавӣ, ақлонӣ инсон ҳам ба ҳайси субъект ва ҳам ба ҳайси объекти маърифат баромад менамояд. Инсони Мавлоно чун як падидаи мураккаб ва гуногунҷабҳа, сохта аз моддиёту маъанвиёт,махлуқи заминиву осмонӣ, дорои пуртазоду мухолифати дохилӣ, саршор аз ишқ, ки сарманшаи пажуҳишу ковишҳои маънавии ӯст, таҷассум мегардад. Низоми арзишҳои тасаввуф, ки Мавлоно онро таблиғ мекунад, дар доираи аксиологияи инсон ҳамчун объекти таҳқиқ, бо арзишшиносии динӣ дар ҷараёни зиддият қарор нагирифта ва онро инкор ҳам накарда, чанде фарқ дорад.Низоми арзишҳои тасаввуф, ки Мавлоно таблиғ мекунад, дар доираи аксиологияи инсон ҳамчун объекти таҳқиқ, бо арзишшиносии динӣ дар ҷараёни зиддият қарор нагирифта ва онро инкор ҳам накарда,чанде фарқ дорад.Ин фарқият аз афкори Имоми Аъзам Абуҳанифа бисёр возеҳ муайян карда мешавад, ки ба таносуби фатво (хукмномаи шариат) ва

тақво (парҳезкорӣ) ишора мекунад.Чун сӯфиён дар зиндагии заминӣ ба фидокорӣ ва покизагии руҳӣ машғуланд, дар зинаи олии наздикӣ ба Худованд–арзиши мутлақ, ҳамзамон Хайри мутлақ, хайре, ки бидуни шарт,мақому дарача буда, қулла ва моҳияти кулли ҳастианд, қарор доранд.

Зербоби 2.3. ба масъалаи хеле камтаҳқиқи антропологияи фалсафии Мавлоно – афкори этикӣ - эстетикии ӯ бахшида шудааст.Дар таълимоти этикии Ҷалолуддини Балхӣ назари мутафаккир ҳам ба инсони одӣ ва ҳам ба инсоне, ки ба сӯйи комилияти маънавӣ раҳсипораст, мушоҳида мегардад. Этикаи Мавлоно ба идеяи муқобилятнапазирӣ ба таҷовузу зӯрӣ ва таҳаммулпазирӣ ба ҳама рӯйдоди олам бунёд ёфтааст. Дар ин равиш ӯ анъана ва он тасаввуроти ахлоқию одобманиширо, ки дар Балх, Вахш, Самарқанд ва Бухорои замони ӯ ҳукмфармо буданд, инчунин одату анъанаҳои маҳалиро, ки этикаи динии суннии мазҳаби ҳанафӣ-шофеӣ фаро гирифтаю ҳазм карда буд, пайравӣ мекунад.Ҷулуси тадриҷии маънавиро Мавлоно ба нардбоне монанд мекунад, ки солик қадам ба қадам гузашта, боло меравад. Солик дар ин раванд ҳар лаҳза аз нав тавлид шуда, ҳолатҳои зайлро чун ҳолати ғайризинда, набот, ҳайвон тай намуда, тадриҷан ба мақоми инсон наздик мешавад ва чун ин ҳолатро паси сар мекунад, инсони комил хоҳад шуд. Тасаввурот дар бораи зебоии инсон характери мутлақ надошта, ин масъала хамеша нисбӣ хоҳад монд. Нисбӣ будани тасаввурот дар бораи зебоиро бисёре аз мутафаккирон ва файласуфон, новобаста аз мансубияташон ба ин ё он мактабу ҷараёнҳо, таъкид намудаанд. Консепсияи эстетикии Мавлоно ҷузъи асосии андешаҳои фалсафии ӯст, ки он намунаи равшани тасаввуроти тасаввуфӣ дар бораи зебоию нафосат аст.Ин консепсия асосан дар доира ва парадигмаи назарияи “ваҳдати вуҷуд” баён шудааст, аммо ба инсон, ба олами табиӣ вa ҷаҳони ботинии ӯ, ба саъю кӯшиши ӯ дар роҳи такомулёбӣ алоқаманд аст. Дар доираи ҳамин парадигма низоми истилоҳот, ки ифодаи зебоию нафосат аст, таҳия шудааст. Консепсияи эстетикии Мавлоно ҷузъи асосии андешаҳои фалсафии ӯст, ки он намунаи равшани тасаввуроти тасаввуфӣ дар бораи зебоию нафосат аст. Ин консепсия асосан дар доира ва парадигмаи назарияи “ваҳдати вуҷуд” баён шудааст, аммо ба инсон, ба олами табиӣ ва ҷаҳони ботинии ӯ, ба саъю кӯшиши ӯ дар роҳи такомулёбӣ алоқаманд аст. Дар доираи ҳамин парадигма низоми истилоҳот, ки ифодаи зебоию нафосат аст, таҳия шудааст.

Хулоса ва натиҷа, тавсияҳои пешниҳод намудани диссертант аҳамияти муҳимми илмию назариявӣ ва амалиро соҳибанд ва дар

омӯзиши низоми арзишии марбут ба инсонро дар таълимоти ахлоқӣ-эстетикии Мавлоно мусоидат менамояд.

Муваффақиятҳои бешак ки диссертант бо ишора ба чанд пешниҳоди мо коста нахоҳанд шуд, ки онҳо ба тариқи зайланд:

1. Дар диссертатсия назаргоҳи интиқодӣ нисбати таълимоти тасаввуф кам ба назар мерасад, ҳол он ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон додааст, ки на ҳамеша ин таълимот якранг пазируфта шуданист.

2. Таълимоти "маранҷу маранҷон"-и мутафаккир аз нуктаҳои актуалӣ барои ахлоқи имрӯз ва татбиқи фарҳанги сулҳ аст ва онро боз ҳам вусъат додан беҳтар хоҳад буд.

3. Дар қисмати назариявӣ оид ба арзишшиносӣ таҳлили таъсири мутақобилаи арзишҳо камтар ба назар мерасад.

Дар маҷмуъ,эродҳои мазкур ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ надошта,ба ҳайси пешниҳод ҷиҳати густариши таҳқиқоти оянда гуфта шудаанд.

Муаллифи рисола талаботи навишти диссертатсияро бо назардошти талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб сохта, пешбиниҳои илмӣ ва дастурҳои амалиро дар мавриди масоили мавриди таҳқиқ дар сатҳи зарурии илмиву назариявӣ таҳлил намуда, дараҷаи азхудкунии маводи илмиро вобаста ба методология ва таҳқиқоти назариявии бунёдӣ ошкор сохтааст, ки қобилияти касбии онро нишон медиҳад.

Диссертатсия дар асоси маводи таҳқиқоти илмӣ ба таври муфассал ва пайдарҳамии мантиқӣ таҳлил гардида, автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти илмӣ нашр гардидаанд, мазмуни асосии онро инъикос намудаанд.

Хулоса, кори диссертатсионии Абдуллоев А.А. дар мавзуи «Таҳлили аксиологии масъалаи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддин Балхӣ» ҷавобгӯи талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-ми июни соли 2021, таҳти №267 буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мебошад.

Тақриз ба талаботи банди 79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-ми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Тақризи мазкур дар маҷлиси васеи кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон аз 26 ноябри соли 2024, суратмаҷлиси № 4 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи мазкур 13

нафар аъзои кафедра ва аъзои Шурои диссертатсионии 6D.KOA-029 доктори илмҳои фалсафа Султонзода Соқӣ Аслон иштирок намуданд.

Аз 13 нафар аъзои дар ҷаласа ҳузурдоштаи кафедра ҳама барои тасдиқи тақризи мазкур овоз доданд.

**Раиси маҷлис:**
Муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ
ва методӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Аҳмадиён Ш.Р.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои фалсафа Саидова М.Р.

**Омодасози лоиҳаи тақриз:**
Мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон
номзади илмҳои фалсафа; дотсент Гулов А.А.

Имзои Аҳмадиён Ш.Р.,Гулов А. А.,Саидова М.Р. - ро
тасдиқ менамоям, сардори шуъбаи кадрҳои ДДТХ Асоев С.П.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН
ШУЪБАИ КАДРҲО